ВАЗОРАТИ МАОРИФ ВА ИЛМИ ҶУМҲУРИИ ТОҶИКИСТОН

МДТ «ДОНИШГОҲИ ДАВЛАТИИ БОХТАР БА НОМИ НОСИРИ ХУСРАВ»

ТДУ: 37 тоҷик+51+53+001
ТКБ 71.03 (2 тоҷик)+22.3+22.1+72.3
И-71

Бо ҳуқуқи дастнавис

ИСМОИЛЗОДА АБДУЛМАҶИД ШЕРАЛӢ

ТАЪРИХИ ТАШАККУЛ ВА РУШДИ НАЗАРИЯИ АДАДҲОИ СОДА

А В Т О Р Е Ф Е Р А Т И

диссертатсия барои дарёфти дараҷаи илмии номзади илмҳои физикаю математика аз рӯйи ихтисоси 1.1.1. Таърихи илму техника (математика)

Бохтар - 2026

Диссертатсия дар кафедраи алгебра ва геометрияи Муассисаи давлатии таълимии «Донишгоҳи давлатии Бохтар ба номи Носири Хусрав» омода гардидааст.

Роҳбари илмӣ: **Сатторов Абдурасул Эшбекович** – доктори илмҳои педагогӣ, профессори кафедраи алгебра ва геометрияи МДТ «ДДБ ба номи Носири Хусрав»

Муқарризони расмӣ: **Хайруллоҳзода Шамсуллоҳ Амрулло** – доктори илмҳои физикаю математика, профессори кафедраи алгебра ва назарияи ададҳои Донишгоҳи миллии Тоҷикистон

Қурбонов Диловаршо Мирзоевич – номазади илмҳои таърих, дотсенти кафедраи физикаи умумӣ ва назариявии Донишгоҳи давлатии Кӯлоб ба номи Абуабдуллоҳи Рӯдакӣ

Муассисаи пешбар: Донишгоҳи давлатии омӯзгории Тоҷикистон ба номи Садриддин Айнӣ

Ҳимояи диссертатсия санаи 28-уми августи соли 2026 соати 9:00 дар ҷаласаи Шурои диссертатсионии 6D.КОА-061 назди Донишгоҳи давлатии Бохтар ба номи Носири Хусрав (суроға: 735140, Ҷумҳурии Тоҷикистон, вилояти Хатлон, ш. Бохтар, кӯчаи Айнӣ, 67) баргузор мегардад. E-mail: mahmudkholov@mail.ru; рақами телефони котиби илмӣ (992) 903 05 00 28.

Бо диссертатсия ва автореферати он дар китобхонаи Донишгоҳи давлатии Бохтар ба номи Носири Хусрав ва тавассути сомонаи www.btsu.tj шинос шудан мумкин аст.

Автореферат «________» _____________ соли 2026 ирсол шудааст.

Котиби илмии
Шурои диссертатсионӣ,
номзади илмҳои физикаю математика Холов М.Ш.

МУҚАДДИМА

Мубрамии мавзуи таҳқиқот. Маълум аст, ки солҳои охир ба омӯзиши фанҳои дақиқу риёзӣ диққати зиёд дода мешавад, зеро ин фанҳо дар омӯзиши дигар фанҳо, дар омодакунии мутахассисон дар самти техникаву технология, инчунин ҷиҳати тайёр намудани коркунони соҳаи саноат, ки ин раванд ҳамчун стратегияи чоруми рушди миллӣ эълон гардидааст, нақши муҳим мебозанд. Дар ин замина, аз тарафи Пешвои миллат, Президенти мамлакат маҳтарам Эмомалӣ Раҳмон фармони №1445, аз 31 январи соли 2020, дар бораи «Бистсолаи омӯзиш ва рушди фанҳои табиатшиносӣ, дақиқ ва риёзӣ дар соҳаи илму маориф» эълон намудани солҳои 2020-2040 ба тасвиб расид.

Илми математика дар байни илмҳои мавҷуда ҷойи муҳимро ишғол менамояд, зеро роҳу усулҳои математикӣ дар ҳалли масъалаҳои илмҳои мухталиф имконияти васеъро таъмин менамояд.

Математика ҳамчун илм таърихи қадима дорад. Дар ҳақиқат инсон аз рӯзҳои аввали фаъолияташ ба ҳисобу китоб, ченкунӣ, муайянкунии масоҳату ҳаҷмҳои ҷисмҳои гуногун ниёз дошт ва ин ҳолат имрӯзҳо низ мушоҳида мешавад. Аввалин объекти ин илм ададҳо буда, имрӯзҳо чун назарияи ададҳо дар таҳқиқоти муосир нақши бориз дорад.

Назарияи ададҳо аз рӯи имконияти истифодашавиаш дар соҳаҳои мухталиф яке аз қисмҳои муҳимии илми математика аҳамияти хоса дорад.

Ададҳои сода дар маҷмуи ададҳои натуралӣ, ки ҳамчун ададе, танҳо ба адади 1 ва ба худаш тақсим мешаванд, аз қадим манбаи омӯзиш буданд, ҳамчун мисол «Ғалбери Эратосфен»-ро овардан мумкин аст.

Омӯзиши осори риёзидонони олам доир ба ададҳои сода дар ташаккули ҷаҳонбинии таърихӣ-илмӣ ва махсусан донишҳои математикии хонандагону донишҷӯёни муассисаҳои таҳсилоти миёнаи умумӣ (МТМУ) ва хусусан муассисаҳои таҳсилоти олии касбӣ (МТОК)-и равияи табиатшиносию риёзӣ ва техникӣ таъсири мусбат расонида, барои омӯзиши хосиятҳои муайянкунии ададҳои сода мавқеи хосаеро ишғол мекунад.

Дар даври истиқлолияти давлатии кишвар таҳқиқи масъалаҳои зиёди бо ададҳои сода рабтдошта аз тарафи олимони мамлакат иҷро гардида истодааст ва натиҷаҳо дар миқёси берун аз ҷумҳурӣ низ эътироф мегардад. Вале, ягон рисолае таҳия нагардидааст, ки аз замони қадим корҳо аз рӯи назарияи ададҳои сода ва дар солҳои истиқлолияти ҷумҳурӣ оид ба ин самт бахшидашуда бошад ва ин ҳолат ба омадакунии рисолаи мазкур ҳидоят намуд.

Дараҷаи коркарди илмии проблемаи мавриди омӯзиш. Омӯзиши назарияи ададҳои сода аз замонҳои қадим ҳамчун муаммо барои риёзидонон буда, онҳо барои муайянкунии ададҳои сода дар қатори ададҳои натуралӣ корҳои зиёдеро ба анҷом расонидаанд. Ба андешаи мо, таҳқиқоти дар ин самтбударо ба панҷ гурӯҳ тақсим кардан мумкин аст;

1) назарияи ададҳои сода ҳамчун як қисми муҳимии математикӣ буда, юнониҳои қадим яке аз аввалинҳо шуда, ба омӯзиши ин масъала машғул шудаанд, ки ин дар корҳои олимони маъруфи таърих, шарқшинос, риёзидон, таърихи илмҳо, файласуфон: А.В. Кубитский [1], И.Н. Веселовский [2], И.О. Гейберг [9], Евклид [13], Л.Я. Жмуд [14], И.Д. Рожанский [30], Д.Я. Стройк [34] ва ғайра, инчунин дар китоби «История математики» [16] инъикос ёфтааст. Масалан, математики Юнони қадим Евклид (асри III пеш аз милод) мавҷудияти маҷмуи беохири ададҳои содаро исбот кард. Ғайр аз ин, математик ва нуҷумшиноси юнонии дигар Эратосфен (солҳои 276-193 то мелод) усули одии сохтани ҷадвали ададҳои содаро пешниҳод намуд. Усули пешниҳодкардаи ӯ дар математика ба номи «Ғалбери Эратосфен» маълум аст. Ин усул аз замонҳои қадим то ин ҷониб аз ҳама беҳтарин усули муайянкуни ададҳои сода буда, бо ин усул дар замони мо бо МЭҲ зиёда то 100 миллион ададҳои содаро ҳосил намуданд;

2) дар асрҳои миёна низ назарияи ададҳои сода дар корҳои олимони форсу тоҷик, ба монанди Муҳаммад Ал-Хоразмӣ, Абурайҳони Берунӣ, Ибни Сино, Собит ибни Қурро, Ибни Ҳайсам, Муҳаммад ал-Форсӣ ва дигарон инкишоф ёфта, оид ба ин корҳои муҳаққиқон, ба монанди Н.М. Бобоев [3], П.Г. Булгаков [4], И. Ғуломов [12], М. Илолов [15], А.Қ. Қодиров [17], А.Ш. Комилӣ [19], А.Э. Сатторов [31], Г.П. Матвиевская [21], М.М. Рожанская [29], Б.А. Розенфелд [28], А.П. Юшкевич [42], А.Н. Колмогоров [18], Г.С. Собиров [32], М.С. Шарипова [39] ва дигарон таҳия шудааст;

3) таҳқиқи назарияи ададҳои сода инчунин, аз тарафи олимони Европа П. Ферма [43], Л. Эйлер [7], М. Мерсенн [20], Х. Голдбах, А.М. Лежандр, К.Ф. Гаусс, Б. Риман [5] ва ғайра босуръат идома ёфт;

4) дар замони шуравӣ низ таҳқиқи назарияи ададҳои сода дар корҳои математикони шинохта И.М. Виноградов [8], Н.Г. Чудаков [38], К. Каратсуба, А.А. Бухштаб [6], В.А. Голубев [10], Р.Ф. Файзиев [35], Б.А. Элнатанов [41] ва дигарон идома ёфта, онҳо дар ин самт ба натиҷаҳои назаррас ноил гардидаанд;

5) дар замони истиқлолияти давлатӣ дар ҷумҳурӣ проблемаҳои назарияи ададҳои сода инкишоф ёфта, натиҷаҳои назаррас аз тарафи олимони барҷастаи тоҷик, ба монанди академик З.Ҳ. Раҳмонов [26] ва шогирдони ӯ Ҷ.А. Шокамолова [40], Д.М. Фозилова [36], А.О. Раҳимов [27], Ш. Ҳ. Мирзораҳимов [23], Д.Ҷ. Хокиев [37], О.О. Нозиров [25], А.А. Собиров [33] ва дигарон таҳқиқ гардидаанд ва ин раванд алҳол низ идома дорад.

Робитаи таҳқиқот бо барномаҳо (лоиҳаҳо), мавзуъҳои илмӣ. Таҳқиқоти диссертатсионии мазкур мутобиқи эълон гардидани солҳои 2020-2040 «Бистсолаи омӯзиш ва рушди фанҳои табиатшиносӣ, дақиқ ва риёзӣ дар соҳаи илму маориф» инчунин дар чаҳорчӯбаи нақшаи дурнамои кори илмӣ-таҳқиқотии кафедраи алгебра ва геометрияи Донишгоҳи давлатии Бохтар ба номи Носири Хусрав ва нақшаи дурнамои илмии Институти илмӣ-таҳқиқотии таърихи илмҳои табииётшиносӣ ва техникаи назди ҳамин Донишгоҳ иҷро шудааст.

ТАВСИФИ УМУМИИ ТАҲҚИҚОТ

Мақсади таҳқиқот аз омӯзиши таҳқиқи назарияи ададҳои сода ва саҳми олимони тоҷик дар солҳои истиқлолият оид ба масъалаҳои назарияи ададҳои сода иборат мебошад.

Вазифаҳои таҳқиқот. Вобаста ба омӯзиш ва пажӯҳиши диссертатсия мақсад ва вазифаҳои мушаххас гузошта мешавад, ки барои амалишавии ҳадафи гузошташуда иҷрои масъалаҳои зерин зарур аст:

- таҳлили назарияи ададҳои сода дар осори олимони қадим;
- баррасии рушди назарияи ададҳои сода дар осори олимони форсу тоҷики асрҳои миёна;
- рушди босуръати назарияи ададҳои сода аз тарафи олимони Аврупо;
- таҳқиқи инкишофи назарияи ададҳои сода дар давраи шуравӣ;
- саҳми олимони ватанӣ дар пажӯҳиши масъалаҳои назарияи ададҳои сода дар солҳои истиқлолияти давлатӣ.

Объекти таҳқиқот. Осори олимони қадим, форсу тоҷики асримиёна ва Аврупо, корҳои олимони муосири ватанӣ доир ба назарияи ададҳои сода ва рушди он дар давраи истиқлолияти давлатӣ.

Мавзуи таҳқиқот. Аз таърихи назарияи ададҳои сода ва рушди он дар солҳои истиқлолият (1991-2020).

Марҳала, макон ва давраи таҳқиқот

Марҳалаҳои таҳқиқот. Таҳқиқоти мазкур асосан дар се марҳала гузаронида шудааст.

Дар марҳалаи аввал (2018-2021) – интихобу тасдиқи мавзуъ ва ҷамъоварию шиносоӣ бо осоре, ки роҷеъ ба омӯзиши таърихи илми математика, аз ҷумла, назарияи ададҳо таҳия шудааст. Дар ин марҳала аз соли 2020 нашри мақолаҳо ва гузоришоти илмӣ оид ба мавзуъ оғоз гардида, таълифу нашри чунин мақолаҳо ва маърӯзаҳо дар ҳар се марҳала идома ёфтааст.

Дар марҳалаи дуюм (2021-20223) – ба ғайр аз идомаи навиштани мақолаҳову фишурдаҳои илмӣ, инчунин таснифи қисмати назариявию методии рисола мавриди баррасӣ қарор гирифтааст.

Дар марҳалаи сеюм (2023-2024) – нашри мақолаҳои илмӣ идома ёфта, навиштани рисола ва баррасии он дар ҷаласаи кафедраи алгебра ва геометрияи Донишгоҳи давлатии Бохтар ба номи Носири Хусрав ва инчунин дар семинари илмии Институти илмӣ-таҳқиқотии таърихи илмҳои табииётшиносӣ ва техникаи назди Донишгоҳ амалӣ гардида, бо дарназардошти ислоҳи эродҳои мавҷуда ба ҳимоя омода гардидааст.

Доираи хронологии таҳқиқот омӯзиши ададҳои сода аз замонҳои қадим то замони муосирро фарогир буда, диққати махсус ба замони муосир равона гардида, корҳои олимони тоҷик ва дастовардҳои он доир ба ададҳои содаро фаро мегирад.

Асосҳои назариявии таҳқиқот ва аҳамияти он. Рисола дорои арзиши илмӣ-назариявӣ ва илмӣ-таърихӣ мебошад. Маводи таҳқиқот, хулоса, натиҷа, пешниҳод ва интишороти муаллиф метавонад ҳамчун манбаи омӯзишӣ дар соҳаи математика дар муассисаҳои таҳсилоти миёнаи умумӣ ва касбии олии кишвар хизмати арзанда намоянд.

Усулҳои таҳқиқот аз рӯйи вазифаҳои дар назди пажӯҳиши илмӣ гузошташуда муайян карда шуданд, инҳо методҳои омӯзиш ва таҳлили маъхазҳои илмӣ, таҳлили таҳқиқоти мавҷудаи соҳавӣ оид ба масъалаи таҳқиқшаванда, методи таҳлили назарияи ададҳо (ададҳои сода) мебошанд.

Соҳаи таҳқиқоти диссертатсионӣ ба мазмуни шиносномаи ихтисоси 1.1.1. Таърихи илму техника (математика) мувофиқ мебошад.

Пойгоҳи сарчашмавии таҳқиқот. Ба сифати пойгоҳи сарчашмавӣ асосан осори олимони риёзӣ аз давраҳои қадим то муосир доир ба назарияи ададҳои сода ва роҳҳои муайянкунии он интихоб шудааст.

Пойгоҳи асосии таҳқиқот. Муассисаи давлатии таълимии «Донишгоҳи давлатии Бохтар ба номи Носири Хусрав».

Навгонии илмии таҳқиқот аз инҳо иборатанд:

- пайдоиш ва инкишофи назарияи ададҳои сода дар осори олимони қадим, бори аввал омӯхта шудааст;
- таҳқиқи назарияи ададҳои сода дар осори олимони форсу тоҷики асрҳои миёна;
- рушди босуръати назарияи ададҳои сода аз тарафи олимони Аврупои асрҳои XVI-XIX;
- таҳқиқи назарияи ададҳои сода дар замони шуравӣ;
- омӯзиши дастовардҳои олимони тоҷик дар замони истиқлолияти давлатӣ оид ба назарияи ададҳои сода.

Нуқтаҳои ба ҳимоя пешниҳодшаванда.

- инкишофи назарияи ададҳои сода дар замонҳои қадим ва омӯзиши донишҳои назарияи ададҳои сода дар осори олимони форсу тоҷик дар асрҳои миёна;
- осори олимони Аврупои асрҳои XVI-XIX ва дастовардҳои онҳо доир ба назарияи ададҳои сода;
- таҳқиқи назарияи ададҳои сода дар замони шуравӣ;
- дастовардаҳои олимони тоҷик доир ба назарияи ададҳои сода дар замони муосир.

Аҳамияти назариявӣ ва амалии таҳқиқот. Маводи таҳқиқот, хулоса, натиҷа, пешниҳод ва интишороти муаллиф метавонад ҳамчун манбаи омӯзишӣ дар соҳаи математика (назарияи ададҳо) дар муассисаҳои таҳсилоти миёнаи умумӣ ва касбии олии кишвар истифода шаванд:

- натиҷаҳои таҳқиқотро ҳангоми таълифи пажӯҳишоти ҷамъбастӣ оид ба математика дар Тоҷикистон ва берун аз он, ҳангоми таълими фанни алгебра ва назарияи ададҳо ва курсҳои махсус дар МТМУ ва МТОК-и кишвар, хусусан дар факултети математика ва риштаҳои тахассусии математикӣ метавон истифода бурд.

- натиҷаи омӯзиш метавонад дар шакли мақолаҳои илмӣ, илмию методӣ ва илмию оммавӣ, рисолаҳои хатм барои донишҷӯёну магистрантон, унвонҷӯён ва докторантони PhD барои навиштани рисолаҳои тахассусӣ истифода шавад;

- инчунин натиҷаи кор барои омӯзгорони МТМУ ва устодону омӯзгорони МТОК-и олии кишвар манфиатовар хоҳад буд;

- аз натиҷаи таҳқиқот, албатта, дар навиштани монографияҳо ва маҷмуаҳои тахассусӣ муҳаққиқони соҳаи математика метавонанд васеъ истифода баранд.

Дараҷаи эътимоднокии натиҷаҳо. Асоси методологии диссертатсияро принсипи риёзӣ, таҳлили назарияи ададҳои сода, ташаккули донишҳои математикӣ ташкил намуда, имконият медиҳад, ки далелҳои математикӣ вобаста ба таҳқиқи ҳосилкунии маҷмуи ададҳои сода аз қатори ададҳои натуралӣ дар фанни математика баррасӣ гарданд. Ҳамзамон дар ҷараёни таҳқиқот методҳои гуногуни ҳосилкунии ададҳои сода аз қатори ададҳои натуралӣ баррасӣ шудаанд.

Мутобиқати диссертатсия ба шиносномаи ихтисоси илмӣ.

Таҳқиқи илмии диссертатсияи мазкур комилан ба шиносномаи ихтисоси 1.1.1 «Таърихи илм ва техника (математика), яъне омӯзиш, пажӯҳиш, таҳлил ва шарҳи донишҳои риёзӣ мувофиқат мекунад.

Саҳми шахсии довталаби дараҷаи илмӣ дар таҳқиқот. Натиҷаҳои таҳқиқот дар шакли гузориш дар семинару ҷаласаҳои кафедраи алгебра ва геометрияи Донишгоҳи давлатии Бохтар ба номи Носири Хусрав ва дар семинари илмии Институти илмӣ-таҳқиқотии илмҳои табииётшиносӣ, риёзӣ ва таърихи илму техникаи назди Донишгоҳ, дар конференсияҳои ҷумҳуриявию байналмилалӣ дар донишгоҳҳои Бохтар, Хуҷанд, Кӯлоб, Душанбе ва дар шаҳри Қазон (Федератсияи Россия) баррасӣ гардидаанд. Бахше аз натиҷаҳои пажӯҳишот инчунин муҳокима гардидаанд.

Тасвиб ва амалисозии натиҷаҳои диссертатсия. Мундариҷаи асосии рисола дар шакли мақолаҳои илмӣ дар маҷаллаҳои эътирофгардидаи КОА-и назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон, КОА-и Вазорати маориф ва илми ФР ва инчунин дар дигар маҷаллаву маҷмуаҳои илмӣ дар шаҳрҳои Душанбе, Хуҷанд, Кӯлоб, Бохтар ва Қазон (ФР) ба нашр расидааст.

Диссертатсия дар кафедраи алгебра ва геометрияи Донишгоҳи давлатии Бохтар ба номи Носири Хусрав ва дар ҷаласаи васеи Институти илмӣ-таҳқиқотии илмҳои табииётшиносӣ, риёзӣ ва таърихи илму техникаи назди Донишгоҳ баррасӣ ва ба ҳимояи кушод тавсия гардидааст.

Интишорот аз рӯи мавзуи диссертатсия. Аз 22 интишороти умумии муаллиф оид ба натиҷаҳои таҳқиқот 6 мақолаи илмии дар маҷаллаҳои тақризшавандаи Комиссияи олии аттестатсионии назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон, 1 дастури таълимӣ, 1 ёрии методӣ ва боқимонда дар дигар нашрияҳо ба чоп расида, маводи конференсияҳои илмиро ташкил додаанд.

Сохтор ва ҳаҷми диссертатсия. Таҳқиқоти диссертатсионӣ аз бахшҳои «Муқаддима», «Тавсифи умумии кор», 3 боб, 7 параграф, бахши «Хулосаҳо», «Натиҷаҳои асосии илмии диссертатсия» ва «Тавсияҳо оид ба истифодаи амалии натиҷаҳо», «Феҳристи рӯйхати адабиёт ва таълифоти истифодашуда» иборат аст.

Ҳаҷми умумии диссертатсия аз 191 саҳифаи матни компютерии бо ёрии протсессори матнии Microsoft Word ҳарфчинишуда иборат буда, фарогири 7 расму 15 ҷадвал ва рӯйхати адабиёти иборат аз 159 номгӯй мебошад.

МУҲТАВОИ АСОСИИ ДИССЕРТАТСИЯ

Дар муқаддима интихоби мавзуъ, мубрамияти он, дараҷаи омӯзиш ва навгонии илмии он асоснок карда шуда, ҳадаф ва вазифаҳои таҳқиқ, пойгоҳи манбаъҳои таҳқиқшаванда, аҳамияти илмию назариявӣ ва амалии кор муайян ва тавсиф гардидааст. Инчунин, дар муқаддима методи таҳқиқ, марҳалаҳои омӯзиш, саҳми шахсии муаллиф, таъйиди мавриди истифода ва ҳаҷму сохтори мавзуъ инъикос ёфтааст.

Боби якум **«Назарияи ададҳои сода дар осори олимони тоҷику форс»** ном дошта, аз ду зербоб иборат аст. Дар ин боб доир ба пайдоиш ва рушди ададҳо, инчунин корҳои олимони қадим доир ба назарияи ададҳо сухан меравад.

Евклид (солҳои 325-265 пеш аз мелод)

Аз ҷумла: дар зербоби якум, ки «Пайдоиш ва рушди назарияи ададҳо (ададҳои сода)» ном дорад, доир ба корҳои олимони зиёди замони қадим ба монанди математики юнонӣ Евклид (асри 3 пеш аз милод), ки мавҷудияти маҷмуи беохири ададҳои содаро исбот кардааст ва математик, нуҷумшиноси дигари юнонӣ Эратосфен (солҳои 276-193 то мелод), ки усули одии сохтани ҷадвали ададҳои содаро пешниҳод кардааст, маълумот дода шудааст: Усули пешниҳодкардаи Эратосфен дар математика бо номи «Ғалбери Эратосфен» маълум аст. Ин усул аз замонҳои қадим то инҷониб аз ҳама усулҳои муайянкунии ададҳои сода беҳтар буда, диққати математикони машҳури оламро ба худ ҷалб мекунад.

Эратосфен
(солҳои 276-193 то мелод)

Истифодаи усуле, ки Эратосфен пешниҳод кард, чунин аст: «фарз мекунем, ки сохтани ҷадвали ададҳои сода то ба адади 50 талаб карда шавад. Пайдарпайии ададҳои натуралии аз 1 то 50-ро навишта, аз байни онҳо ададҳои содаро бо тарзи зерин ҷустуҷӯ мекунем (дар болои ададҳои таркибӣ хат зада мешавад)» [24]:

	2	3	4	5	6	7	8	9	10
11	12	13	14	15	16	17	18	19	20
21	22	23	24	25	26	27	28	29	30
31	32	33	34	35	36	37	38	39	40
41	42	43	44	45	46	47	48	49	50

Ҷадвали 1.

Аввалин адади аз 1 калони ин қатор, адади 2 аст. Ин адад танҳо ба 1 ва ба худаш тақсим мешавад, пас вай сода аст.

Дар ҷадвал ба ғайр аз худи 2 ҳамаи ададҳои ба 2 каратибударо (чун ададҳои таркибӣ) хат мезанем. Баъди 2 аввалин адади хатназада, адади 3 аст. Он ба 2 тақсим намешавад (дар аски ҳол онро бояд хат занем). Бинобар ин, адади 3 танҳо ба 1 ва ба худаш тақсим мешавад, аз ин сабаб он ҳам адади сода аст. Дар ҷадвали ададҳо ба ғайр аз 3 ҳамаи ададҳои ба 3 каратиро хат мезанем. Аввалин адади пас аз 3 меомадагии хатназада, адади 5 аст. Он ба 2 ва 3 тақсим намешавад (дар акси ҳол онро бояд хат мезадем). Бинобар ин, 5 танҳо ба 1 ва ба худаш тақсим мешавад, аз ин сабаб он ҳам адади сода аст ва ҳоказо. Дар мисоли мо баъди хат задани амали чорум фақат ададҳои сода боқӣ мемонад.

	2	3	~~4~~	5	~~6~~	7	~~8~~	~~9~~	~~10~~
11	~~12~~	13	~~14~~	~~15~~	~~16~~	17	~~18~~	19	~~20~~
~~21~~	~~22~~	23	~~24~~	~~25~~	~~26~~	~~27~~	~~28~~	29	~~30~~
31	~~32~~	~~33~~	~~34~~	~~35~~	~~36~~	37	~~38~~	~~39~~	~~40~~
41	~~42~~	43	~~44~~	~~45~~	~~46~~	47	~~48~~	~~49~~	~~50~~

Ҷадвали 2.

Зербоби дуюм ба «Нақши олимони тоҷику форс дар кашфи назарияи ададҳои сода» бахшида шуда, олимони асримиёнагии форсу тоҷик, ба монанди Муҳаммад ал-Хоразмӣ, Абунасри Форобӣ, Абуалӣ ибни Сино, Абурайҳони Берунӣ, Собит ибни Қурро, Ибни Ҳайсам, Ал-Форсӣ ва даҳҳо дигарон дар аксар самтҳои илмҳои дақиқ, аз ҷумла математика таҳқиқоти зиёди илмӣ гузаронидаанд.

Бояд қайд кард, ки дар ин зербоб таҳқиқоти олими асримиёнагии форсу тоҷик Собит ибни Қурро (836-901), ки қоидаи ҳосилкунии ададҳои дӯстро бори аввал таъриф додааст, баррасӣ гардидааст. Дар китоби Файзиев Р.Ф. соли 1967 ба забони тоҷикӣ ба номи «Ғалбери Эратосфен, умумикунӣ ва татбиқи он (ададҳои сода)» нашр шуда буд, чунин омадааст: «қайд кардан завқовар аст, ки ба омӯхтани хосиятҳои ададҳои дӯст математики тоҷики асри XIII Маҳмуд бин ал-Вусудӣ машғул гаштааст. Вай қоидаи тартиб додани ададҳои дӯстро чунин кор карда баромадааст» [35, с. 12].

Ададҳои дӯст ду ададе мебошанд, ки дар онҳо ҷамъи тақсимкунандагони як адад ба адади дигар баробар аст. Масалан, Собит ибни Қурро як ҷуфт адади дӯстро мисол меорад, ки дар замони худ маълум буд: 220 ва 284:

Масалан, ҷамъи тақсимкунандаҳои 220 = 1 + 20 + 10 + 5 + 4 + 2 + 11 + 22 + 44 + 55 + 110 = 284 ва 284=1+2+4+71+142=220 аст. Бо $\sigma(n)$ ҳамаи тақсимкунандаҳои сумаи адади n –ро ишора мекунем. Ҳангоми ададҳои m ва n ададҳои дӯст будан баробарии $\sigma(m) = n;\ \sigma(n) = m$ иҷро мешавад. $284 = 1 + 2 + 4 + 5 + 10 + 11 + 20 + 22 + 44 + 55 + 110$, ки дар ин ҷо ҷамъшавандаи тарафи чапи тақсимкунандаи хоси адади 220 баробар аст.

Дар таърифҳои асосии назарияи ададҳои ҷуфт ва тоқ муаллифони шарқӣ бештар ба Никомах пайравӣ мекарданд. Ба қавли математик ва астрономи форсу тоҷик Абу ал-Вафо ал-Бузҷони (940-998): «адади ҷуфт ададест, ки ба ду тақсим мешавад ва ки дар байни онҳо як нест; адади тоқ ададест, ки ба ду тақсим намешавад, зеро дар байни онҳо воҳид вуҷуд дорад» [21, с. 114].

Дар ҳамин зербоб дар хусуси «Донишнома»-и Абуалӣ ибни Сино (980-1037), ки энсиклопедияи мухтасари фалсафа, мантиқ ва риёзиёт маҳсуб ёфта, ба забони тоҷикӣ таҳия гардидааст, маълумот дода шуда, дар он дар асоси Никомах, чигунагии пайдо кардани ададҳои сода дар

«Ғалбери Эратосфен» зикр шудааст. Мавриди зикр аст, ки вожаи «ғалбер» дар китоби Абуалӣ ибни Сино «ғирбол» зикр шудааст, ки ба тарҷумаи тоҷикӣ мувофиқ аст. Абуалӣ ибни Сино чунин меҳисобад, ки усули «Ғалбери Эратосфен» барои дарёфти ададҳои сода хеле муносиб аст.

Боби дуюми диссертатсия, ки «Таҳвили назарияи ададҳои сода ба Аврупо» унвон гирифтааст, аз се зербоб иборат мебошад.

Зербоби аввал ба «Такмили назарияи ададҳои сода дар осори олимони Аврупо» бахшида шуда, қайд мешавад, ки олимони он давра ба такмилёбии назарияи ададҳои сода диққати махсус зохир намуда, ба дастовардҳои баланди илмӣ ноил гаштаанд. Дар ин самт, дастовардҳои олимони шинохтаи Аврупо ба монанди М. Мерсенн, П. Ферма, Л. Эйлер, Х. Голдбах, Ж.Л. Лагранж, Э. Варинг, Г.Ф. Лейбнитс, Е. Люк, Д.Г. Лемер ва даҳҳо дигаронро қайд намудан бо маврид аст.

Аз ҷумла, олими фаронсавӣ Марен Мерсенн (1588-1648) дар назарияи ададҳо ададҳои намуди $M_n = 2^n - 1$ ($n -$ адади натуралӣ) $-$ ро таҳлил кардааст. Ҳангоми $n = 1, 2, 3, \cdots$ будани ададҳои мерсенн мувофиқан $M_1 = 1,\ M_2 = 3,\ M_3 = 7,\ M_4 = 15, \cdots$ ададҳо ҳосил мешаванд. Баъзе аз ин ададҳо сода буда, баъзеашон ададҳои таркибӣ мебошанд. Агар M_n адади сода бошад, ин гуна ададҳо ададҳои мерсенн номида мешавад.

Ба ғайр ин, П. Ферма гипотезаро барои дилхоҳ адади натуралии n, ки ифодаи $2^{2^n} + 1$ адади сода аст, пешниҳод намуд. Аз ҷумла:

$$n = 0 \text{ будан } F_1 = 2^{2^0} + 1 = 3 - \text{адади сода},$$

$$n = 1 \text{ будан } F_1 = 2^{2^1} + 1 = 5 - \text{адади сода},$$

$$n = 2 \text{ будан } F_2 = 2^{2^2} + 1 = 17 - \text{адади сода},$$

$$n = 3 \text{ будан } F_3 = 2^{2^3} + 1 = 257 - \text{адади сода},$$

$$n = 4 \text{ будан } F_4 = 2^{2^4} + 1 = 655337 - \text{адади сода}.$$


Пиер Ферма
(1601-1665)

Ӯ ба ҷои n ададҳои 0, 1, 2, 3, 4 $-$ ро ба ифодаи дар боло додашуда гузошта, ададҳои содаи 3, 5, 17, 257, 65537-ро ҳосил карда буд.

Олим барои ҳолати ҳангоми $n \geq 5$ будан, санҷиш нагузаронда, тасдиқ намуд, ки барои ҳамаи ҳолатҳо ин ифода адади сода мешавад.

Вале ҳангоми $n = 5$ будан, аз ифодаи $2^{2^5} + 1$ адади бениҳоят калон ҳосил мешавад. Адади сода ва ё адади таркибӣ будани онро муайян кардан, масъалаи хеле душвор аст.

Соли 1732 Л. Эйлер нодуруст будани гипотезаи Ферма, аз ҷумла ба адади 641 тақсимшавии ифодаи $F_5 = 2^{2^5} + 1 -$ ро исбот кард.

Исботи Л. Эйлер ба назарияи муқоисаҳо такя мекунад.

Баъдтар математики сейлонӣ (Шриланкагӣ) Канагасабапахти адади таркибӣ будани $F_5 -$ ро бо роҳи элементарӣ исбот кард, ки он чунин аст:

$$2^{2^5} + 1 = 2^{32} + 1 = 2^4 \cdot 2^{28} + 1 = 15 \cdot 2^{28} + (3 + 5^3) \cdot 2^{21} + 1 =$$
$$= 15 \cdot 2^{28} + 3 \cdot 2^{21} + 5^3 \cdot 2^{21} + 1 = 3 \cdot 2^{21}(5 \cdot 2^7 + 1) + (5 \cdot 2^7)^3 +$$
$$+1^3 = 3 \cdot 2^{21}(5 \cdot 2^7 + 1) + (5 \cdot 2^7 + 1) \cdot (5^2 \cdot 2^{14} - 5 \cdot 2^7 + 1) =$$
$$= (5 \cdot 2^7 + 1) \cdot [3 \cdot 2^{21} + 5^2 \cdot 2^{14} - 5 \cdot 2^7 + 1].$$

$5 \cdot 2^7 + 1 = 641$, барои ҳамин адади $2^{32} + 1 = 4\ 294\ 967\ 297$ ба адади 641 тақсим мешавад.

Яке аз муаммоҳои машҳуре, ки ададҳои сода ба он мансуб аст, муаммои Голдбах мебошад. Соли 1742 академики Петербург Х. Голдбах (1690-1764) дар мактуби фиристодаи худ ба Л. Эйлер (1707-1783) масъалае гузошта буд, ки он чунин аст: «ҳар як адади бутуни аз 6 калон ё баробарро метавонем ҳамчун ҷамъи се адади сода ифода кунем» [24, 11, с. 18-19]. Л. Эйлер дар ҷавоб боввариашро ба дурустии ин теорема баён намуда навишт, ки: «ҳар як адади ҷуфти аз 2 калонро бо суммаи ду адади сода» [24, 11, с. 18-19] ифода кардан мумкин аст (изҳороти Х. Голдбах ва Л. Эйлер дар матн бо баъзе тавзеҳот оварда шудаанд). Дарвоқеъ, дар мактуби Х. Голдбах ба Л. Эйлер, аз 7 июни соли 1742, мо чунин изҳоротро мебинем: «ба назар чунин мерасад, ки ҳадди аққал ҳар як адади аз як зиёд ҷамъи се адади сода аст» [24, 11, с. 18-19]. Л. Эйлер дар номаи ҷавобии худ, аз 30 июни соли 1742, дар ин бора навиштааст: «аммо, ҳар як адад, ҷамъи ду адади сода аст, ман инро як теоремаи мукаммали дуруст мешуморам, гарчанде ки ман инро исбот карда наметавонам» [24, 11, с. 18-19]. Иқтибосҳо аз номаҳо дар тарҷумаи Д.А. Грав оварда шудаанд.

Зербоби дуюм ба «Рушди назарияи ададҳои сода дар осори олимони рус» бахшида шуда, дар ин самт дастовардҳои олимони шинохтаи рус ба монанди П.С. Пореский, А. Слудский, В.Я. Буняковский, А. Полинияк, П.Л. Чебишев ва ғайра баррасӣ гардидааст.

Ҳамин тариқ, таҳқиқоти аввалаи шаклтағйирдиҳии «Ғалбери Эратосфен» ба ҷудокунии ададҳои сода бо ёрии прогрессияҳо маҳдуд шудааст. Дар давраҳои минбаъда масъалаҳои ҷудокунии арифметика роҳи ҳалли худро ёфтанд. Дар ин самт таҳқиқоти олими руси асри XIX профессори донишгоҳи Москва, яке аз ташкилкунандаҳои ҷамъияти математикон - астраном, механик ва риёзидон А. Слудский (солҳои 1841-1897) мебошад, ки ӯ фаъолона барои инкишофи назарияи ададҳо кӯшиш намуд ва ақидаи «Ғалбери Эратосфен»–ро бо имкониятҳои гуногун пешниҳод намуд. Соли 1868 дар машварати ҷамъияти математикон оид ба ададҳои сода ва шакли он маърӯза намуда, нишон дод, ки он аз ду қисм иборат аст. Қисми якум, истифодаи формулаи Лежандр оид ба муайян намудани миқдори ададҳои сода дар қатори $1, 2, 3, \cdots, x$ бо шакли

$$\pi(x) = \pi(\sqrt{x}) - 1 + [x] - \sum_{1 \le i \le n} \left[\frac{x}{p_i}\right] + \sum_{1 \le i < j \le n} \left[\frac{x}{p_i p_j}\right] - \cdots$$

мебошад, ки дар ин ҷо $p_1 < p_2 < \cdots < p_n \le \sqrt{x}$, $[a]$ – қисми бутуни адади a буда, $p_1,\ p_2, \cdots, p_n$ – ададҳои сода мебошад.

Қисми дуюм, ин муайян намудани ададҳои сода дар байни ададҳои $\sqrt{x}$ ва x мебошад.

Натиҷаҳои бузургтарини П.Л. Чебишев дар масъалаи тақсимоти ададҳои сода дар байни ҳамзамононаш таассуроти калон гузошт. Дар ин бора, суханони математики машҳури англис Ҷ.Ҷ. Силвестр (1814-1897) бараъло шаҳодат медиҳад, ки дар соли 1881 чунин гуфтааст: «барои он, ки тараққиёти минбаъдаи назарияи ададҳоро мунтазир шавем, бояд ягон нафаре таваллуд шавад, ки аз П.Л. Чебишев беҳтар буда, бо нуктасанҷӣ ва боақлии худ аз вай болотар бошад, зеро П.Л. Чебишев бо ин хислатҳои боақлонааш аз одами муқаррарӣ фарқ мекард» [24, с. 272-274]. Инчунин, суханони математики машҳури олмонӣ Эдуард Ландауро (1887-1938) овардан мумкин аст, ки дар кори махсуси худ оид ба тақсимоти ададҳои сода бахшида шудааст, соли 1909 навишта буд: «баъди Евклид, аввалин касе, ки роҳи дурустро дар ҳалли проблемаи ададҳои сода тай намуд ва натиҷаҳои муҳимро ба даст овард П.Л. Чебишев мебошад» [24, с. 272-274].

Зербоби дуюм, ба амсилаҳои муайянкунии ададҳои сода аз қатори ададҳои натуралӣ, алахусус истифодаи воситаҳои самараноктари ҳисоббарорӣ, барои истифода дар системаҳои компютерӣ бахшида шудааст. Мавҷудияти рӯйхати калони ададҳои сода барои исботи теоремаҳое, ки танҳо ҳамчун идея ё гипотеза таҳия шудаанд, ёрии калон мерасонанд.

Яке аз амсилаҳои ҷолибтаринро математикҳои рус Юрий Матиясевич (соли таваллуд 1947) ва Борис Стечкин (1891-1969) бо истифода аз парабола таҳия кардаанд. Онҳо ду шохаи параболаро ба тири *ox* ҷудо мекунанд, ки дар он пайдарпайии ададҳои натуралӣ қайд карда мешавад (расми 1).



Расми 1.

Сипас ба тири *ox* дар нуқтаҳое, ки ба квадратҳои ададҳои натуралӣ мувофиқанд, перпендикулярҳо кашида мешаванд. Масалан, дар перпендикуляри дар нуқтаи 4 кашидашуда нуқтаҳои буриш бо шохаҳои парабола бо адади 2 нишон дода шудааст. Маънои геометрии перпендикуляр аз он иборат аст, ки он $2 \cdot 2$ мебошад. Ҳамин тавр, дар нуқтаи 9 перпендикуляри дигарро мекашем, ки он ҳосили зарби $3 \cdot 3$ аст ва ҳамин тавр, дар нуқтаҳои дигари тири *ox* ҳосил кардан мумкин аст.

Вақте ки ҳамаи квадратҳои ададҳои тири *ox* бо нуқтаҳои парабола чунин ифода карда мешаванд, ҳар як нуқтаи як шохаи парабола ба ҳамаи нуқтаҳои шохаи дигар пайваст мешавад, яъне нуқтаи 2 шохаи болоии парабола буда, нуқтаҳои 2, 3, 4, 5 ва ғайра дар нуқтаҳои ба ҳамин монанд ҷойгир мебошанд. Ҳар яке аз ин сегментҳо тири ox–ро дар нуқтае мебурад, ки ба ҳосили ду адади пайваст мувофиқ аст: масалан, сегменти пайвасткунандаи ададҳои 2 ва 3 дар тири ox 6-ро мебурад. Дар ниҳоят, нуқтаҳои натуралии тири ox, ки тавассути он ҳеҷ яке аз ин сегментҳо намегузаранд, гузариш ба ададҳои сода хоҳанд буд.

Ғалбери геометрие, ки аз ҷониби Ю. Матиясевич ва Б. Стечкин барои ҷустуҷӯи ададҳои сода тарҳрезӣ шудааст, дар расми 1 оварда шуда, бо нуқтаҳои ранга ишора шудааст.

Дар ҷаҳони муосир хосиятҳои ададҳои сода дар системаҳои криптографӣ барои таъмини амнияти алоқаи электронӣ ба кор бурда мешаванд. Рамзҳои махфӣ дар асоси хосиятҳои ададҳои сода барои ҳифзи вебсайтҳо, почтаи электронӣ, амалиёти бонкӣ, кортҳои кредитӣ ва алоқаи телефони мобилӣ истифода мегарданд.

Тасаввур мекунем, ки дар мағозаи калон, садҳо ҳазор банкаҳои рангҳои гуногундоштаро мефурӯшанд. Ихтиёрӣ ду банкаро гиред ва рангро ба миқдори гуногун омехта кунед. То ҳол ҳама чиз одӣ аст. Акнун, агар мо ба касе ранги аввалинро нишон диҳем ва аз онҳо «дешифр»-куниро бипурсем, ки дар аввал чандтои кадом рангҳо истифода шуда буданд, ҷавоб додан ба чунин савол хеле душвор хоҳад буд.

Чунин аст, ки яктарафа бо кори даромадгоҳи махфӣ, ки дар як самт татбиқ кардан осон аст, аммо дар самти дигар қариб ғайриимкон мебошад.

Фарз мекунем, ки ҳоло дар мағоза ба ҷои қуттиҳои ранг ададҳои сода мавҷуданд. Ду ададро, масалан 7 ва 13-ро гирем ва онҳоро зарб кунем (монанди омехтаи ранг). Дар натиҷа, мо $7 \cdot 13 = 91$ ба даст меорем.

Пас саволе ба миён меояд: оё муайян кардан мумкин аст, ки кадом ададҳои содаро зарб карда, 91-ро ба даст овардем? Барои ҷавоб додан ба он, бояд рӯйхати ададҳои содаро гирем ва якчанд санҷишро ба анҷом расонем. Ин як роҳи ҳалли одӣ ба монанди муайян кардани ранги рангҳо ба назар мерасад, агар дар мағоза танҳо даҳҳо рангҳои асосӣ мавҷуд бошад.

$$P_1 \cdot P_2 = x$$

$$\xrightarrow{\text{Хело осон}}$$

$$\xleftarrow{\text{Хело душвор}}$$

Дар ибтидо криптография усулҳои рамзгузории информатсия – табдили баръакси матни кушода (сарчашма)–ро дар асоси алгоритми махфӣ ё калидро ба матни рамзӣ (шифрӣ) меомӯхт. Криптографияи анъанавӣ як шохаи криптосистемаҳои симметриро ташкил медиҳад, ки дар онҳо рамзгузорӣ ва рамзкушоӣ бо истифода аз як калиди махфӣ анҷом дода мешавад.

Боби сеюм, «Таҳқиқи назарияи ададҳои сода дар Тоҷикистон» ном дошта, ба таҳқиқоти олимони тоҷик дар самти назарияи ададҳои сода дар солҳои истиқлолият бахшида шудааст. Ин боб аз ду зербоб иборат буда, дар зербоби якум «**Ташакул ва рушди мактаби илмӣ оид ба назарияи ададҳои сода дар замони шуравӣ**» баррасӣ мегардад. Таҳқиқоти илмии И.М. Виноградов, Н.Г. Чудаков, Н.М. Коробов, Ю.В. Линник, А.А. Бухштаб, В.А. Голубев, Л.Г. Шнирелман, А.А. Каратсуба ва дигарон дар назарияи ададҳои сода натиҷаҳои илмии беҳтарин ба шумор меравал ва ҳар кадоми онҳо дар самти илмии худ бо шогирдонашу пайравон мактаби илмӣ ташкил намудаанд. Масалан, соли 1934 ба акадамик И.М. Виноградов ҳалли проблемаи Голдбах бо ёрии теоремаи пешниҳодкардаи худи ӯ муяссар гардид:

«Теорема. *Чунин адади доимии N_0 вуҷуд дорад, ки ҳама ададҳои тоқи аз N_0 калонро ҳамчун ҷамъи се адади сода ифода кардан мумкин аст»* [22, с. 291-294].

Ҳалли муаммои Х. Голдбах аз тарафи И.М. Виноградов дар инкишофи назарияи аналитикии ададҳо бениҳоят муҳим мебошад. И.М. Виноградов ҳангоми ҳалли ин муаммо усули хеле пуриқтидори эҷодкардаи худро ба кор бурд, ки ба истифодабарии суммаҳои охирноки тригонометрӣ асос ёфтааст. Ин усул дар ҳалли бисёр муаммоҳои мураккаби назарияи ададҳо ва дар ҳолати хусусӣ ба муаммоҳои адитивии ададҳои сода татбиқ пайдо кардааст.

Илова ба ин, И.М. Виноградов бо истифода аз усули суммаҳои тригонометрӣ дар муаммои Голдбах-Варинг формулаи асимптотикиро пайдо кард. Масъалаи мавҷудияти функсияи $V\ (n)$ ва сарҳади болоии он вобаста танҳо ба қимати параметри n, то соли 2009 ҳалнашуда буд ва аз ин рӯ, муаммои Голдбах-Варинг дар маҷмуъ то ба наздикӣ ҳалношуда боқӣ монд. Математики шуравӣ ва рус В.Н. Чубариков бо истифода аз назарияи худ оид ба суммаҳои чандкаратаи тригонометрӣ бо ададҳои сода, ки рушди минбаъдаи усули баҳодиҳии суммаҳои тригонометрии И.М. Виноградов бо ададҳои сода мебошад, муаммои Голдбах-Варингро комилан ҳал кард.

Зербоби дуюм доир ба **«Корҳои олимони тоҷик оид ба назарияи ададҳои сода дар давраи истиқлолияти давлатӣ (солҳои 1991-2020)»** бахшида шуда, таҳқиқоти олимони тоҷикро доир ба назарияи ададҳои сода, дар бар мегирад. Дар давраи истиқлолият дар Тоҷикистон шогирдони олимони рус таҳқиқоти худро дар соҳаи назарияи ададҳо идома дода, ба натиҷаҳои илмии назаррас ноил гардиданд.

Институти математикаи Академияи илмҳои Ҷумҳурии Тоҷикистон соли 1973 дар заминаи Шуъбаи математика бо Маркази ҳисоббарории Академияи илмҳои Ҷумҳурии Тоҷикистон таъсис дода шудааст. Нахустин директор ва ташкилкунандаи он академик А.Ҷ. Ҷӯраев (1932-2005) солҳои 1973-1987 буд. Дар солҳои минбаъда институтро академик З.Ҷ. Усмонов (1937-2021) солҳои 1987-1999 роҳбарӣ намуд. Аз соли 1999 то марти соли 2024 роҳбарии институтро академики Академияи миллии илмҳои Тоҷикистон З.Ҳ. Раҳмонов (соли таваллуд 1959) ба уҳда доштанд. Аз марти соли 2024 то инҷониб роҳбарии институтро номзади илмҳои физикаю математика Раҳимзода А.О. ба уҳда дорад.

Институти математикаи ба номи А. Ҷӯраев фаъолияти худро мувофиқи қонунҳои Ҷумҳурии Тоҷикистон «Доир ба илм ва сиёсати давлатии илмӣ-техникӣ», «Доир ба Академияи илмҳои Ҷумҳурии Тоҷикистон», «Дурнамои Ҷумҳурии Тоҷикистон дар соҳаи илм ва технология дар солҳои 2007-2015», «Бисолаи омӯзиш ва рушди фанҳои табиатшиносӣ, дақиқ ва риёзӣ дар соҳаи илму маориф» ва Оинномаи

Институт ба роҳ мондааст. Вазифаи асосии Институт гузаронидани таҳқиқоти бунёдии илмӣ, инчунин таҳқиқоти хусусияти амалидошта ва тайёр намудани мутахассисони баландихтисос дар соҳаи математика, механика ва информатика мебошад.

Дар айни замон ба ҳайати институт 5 шуъба дохил мешаванд:

- шуъбаи назарияи ададҳо, алгебра ва топология;

- шуъбаи назарияи функсияҳо ва таҳлили функсионалӣ;

- шуъбаи муодилаҳои дифференсиалӣ;

- шуъбаи амсиласозии математикӣ;

- шӯъбаи математикаи амалӣ ва механика.

Аз шумораи умумии кормандони институт 4 нафар узви пайвастаи АМИТ, 1 нафар узви вобастаи АМИТ, 9 нафар доктори илм ва 19 нафар номзадҳои илм мебошанд. Институт робитаҳои илмиро бо Институти математикаи ба номи В.А. Стеклови Академияи илмҳои Россия, Донишгоҳи давлатии Москва ба номи М.В. Ломоносов қавитар намуда, ҳамчунин бо марказҳои илмӣ ва олимони алоҳида аз ИМА, Олмон, Хитой, Ҷопон, Канада, Эрон, Исроил, Австрия ва ғайра ҳамкорӣ дорад.

Кормандони институт дар Конгрессҳои байналмилалии математикӣ дар Москва, Беркли, Хелсинки, Варшава, Киото, Берлин, Барселона, Пекин, Ҳайдаробод иштирок намуданд; ҳамчунин дар бисёре аз конференсияҳои байналмилалӣ иштирок карда, лексияҳо хонданд ва корҳои муштараки илмиро дар Россия, ИМА, Олмон, Франсия, Ҷопон, Полша, Словения, Италия, Украина, Белорус, Қазоқистон, Исроил, Эрон, Австрия анҷом доданд.

Дар институт аз аввали асри XXI дар даврони Истиқлолият чунин мактабҳои бонуфузи илмии дар ҷаҳон машҳур дар соҳаи математика ташаккул ёфтанд, ки дастовардҳои илмии онҳоро мухтасар чунин арзёбӣ намудан мумкин аст.

Дар рушди паҳлуҳои мухталифи илми математика ва дар ҷумҳурӣ омода намудани мутахассисони баландсатҳи илмӣ саҳми Институти математикаи Академияи миллии илмҳои Ҷумҳурии Тоҷикистон ба номи А. Ҷӯраев бузург аст.

Дар ин маврид корҳои академик З.Ҳ. Раҳмоновро алоҳида қайд кардан лозим аст. Ӯ дар асоси таҳқиқоти И.М. Виноградов, А.А. Каратсуба ва ғайра таҳқиқоти худро идома дода, доир ба масъалаҳои гуногуни назарияи ададҳои сода корҳои назаррасеро ба анҷом расонида, шогирдҳое зиёдеро тарбия намудааст.

1. Як шохаи назарияи ададҳои сода ин «Суммаи қиматҳои ғайриасосии характери Дирихле дар пайдарпайиҳои лағжонидашудаи ададҳои сода» номида шуда, дар ин самт академик З.Ҳ. Раҳмонов ва шогирдонаш дар замони истиқлолият корҳои зеринро ба анҷом расондаанд.

З.Ҳ. Раҳмонов аввалин шуда соли 1986 баҳои И.М. Виноградовро оид ба суммаи қиматҳои ғайри асосии характери Дирихле, ҳангоми модули характер адади таркибӣ будан, умумӣ намуда, формулаи асимптотикии зеринро исбот намуд

$$T_1(\chi) \leq x \ln^6 x \left(\sqrt{\frac{1}{q} + \frac{q}{x}\tau^2(q_1)} + x^{-\frac{1}{6}}\tau(q_1) \right) \tau(q),$$

ки дар ин ҷо D – адади натуриалии кифоя калон, χ – характери ғайриасосӣ аз рӯи модули $D, \chi q$ – характери примитивии тавлидшудаи характери χ, q_1 – ҳосили зарби ададҳои содае, ки D –ро тақсим карда, вале адади q –ро тақсим намекунад, мебошанд.

Ин формулаи асимптотикиро истифода бурда, З.Х. Раҳмонов барои $G(D, l)$ – хурдтарин адади голдбахӣ дар прогрессияи арифметикии

$$Dk + l, \ \ k = 0, 1, 2, \cdots,$$

будан, формулаи асимптотикии зеринро исбот намуд:

$$G(D,I) \ll \mathrm{D}^{c+\varepsilon},$$

ки дар ин ҷо ε – доимии кифоя хурди мусбат, $D -$ адади натуралии тоқи кифоя калон, $c -$ сарҳади поёнии ададҳои a, ки барои баъзе доимиҳои $A > 2$,

$$\sum_{\chi \bmod D} N(\alpha, T, \chi) \ll (DT)^{2\alpha(1-\alpha)}(\ln DT)^{A}$$

аст. Масъалаи тақсимшавии ададҳои голдбахӣ дар прогрессияи арифметикии «кӯтоҳ», ҳангоми ҳал намудани муаммои бинарии Голдбах пайдо шудааст.

2. Шохаи дигари назарияи ададҳои сода ин «Қимати миёнаи функсияи Чебишёв ва татбиқи он» буда, оид ба функсияи Чебишёв бо ададҳои сода теоремаи зерин исбот шудааст:

Функсияи Чебишёв гуфта, суммаи

$$\psi(y,\chi) = \sum_{n \leq y} \Lambda(n)\chi(n)$$

– ро меноманд, ки дар ин ҷо $\chi(n) -$ характери Дирихле аз рӯи модули q, $\Lambda(n) -$ функсияи Манголдт мебошанд.

Ҳангоми таҳқиқи масъалаҳои зиёди назарияи ададҳои сода масъалаи аз боло баҳо додани суммаи қиматҳои миёнаи функсияҳои Чебишёв аз рӯи ҳамаи характерҳои Дирихле ба миён меояд, яъне формулаи асимптотикии суммаи зерин

$$t(x;q) = \sum_{\chi mod q} \max_{y \leq x} |\psi(y,\chi)|.$$

Ба ин доира, муаммоҳои зерин дохил мешаванд:

- формулаи асимптотикии суммаҳои тригонометрӣ бо ададҳои сода, аз он ҷумла суммаи тригонометрии хаттӣ бо ададҳои сода;

- тақсимшавии ададҳои Харди-Литтлвуд дар прогрессияҳои арифметикӣ.

«Ю.В. Линник бори аввал тавассути қимати миёнаи функсияи Чебишёв барои баҳои ғайритривиалии суммаҳои тригонометрии хаттӣ бо ададҳои содаи $S(\alpha, x)$ дарёфт намуд. Вай бо ёрии теоремаи зиччӣ барои нулҳои L-қатори Дирихле ва ғояҳои Г. Харди ва Д. Литтлвуд, ки дар муаммои Голдбах истифода шуда буданд, баҳои ғайритривиалии нави $S(\alpha, x)$ – ро ҳосил намуд. Ҳамин тавр, Ю.В. Линник исботи нави теоремаи И.М. Виноградовро оид ба муаммои Голдбах дарёфт намуд» [44, с. 68-80].

«Соли 1947 Н.Г. Чудаков низ чунин усули таҳқиқоти суммаҳои тригонометрии хаттиро бо ададҳои сода бо ёрии баҳои қиматҳои миёнаи функсияҳои Чебишёв, ки дар навбати худ ба тақсимшавии нулҳои L-қатори Дирихле дар хатҳои буҳронӣ асос карда шудааст, пешниҳод намуд» [38, с. 515-545].

А.А. Каратсуба методи ҳалли масъалаҳои тернарии мултипликативиро бо ҳамбастагии методи И.М. Виноградов — баҳоҳои суммаҳо бо ададҳои сода коркард карда, барои ҳолати оддитарин бузургии $t(x;\, q)$ – ро баҳо дод.

Соли 1989 З.Ҳ. Раҳмонов барои суммаи қиматҳои миёнаи функсияҳои Чебишёв аз рӯи ҳамаи характерҳои Дирихле формулаи асимптотикии зеринро исбот намуд

$$t(x;\, q) \ll \left(x + x^{\frac{5}{6}} q^{\frac{1}{2}} + x^{\frac{1}{2}}\, q\right) x^{\delta}.$$

З.Ҳ. Раҳмонов усули нави таҳқиқи қиматҳои миёнаи функсияҳои арифметикии намуди функсияи Чебишёвро аз рӯи ҳамаи характерҳои Дирихле сохт. Татбиқи ин метод ба ӯ имконият дод, ки дар муаммоҳои зерин натиҷаҳои беҳтаринро ба даст орад:

– баҳои қиматҳои миёнаи функсияҳои Чебишёв (аз он ҷумла бо вазни экспоненсиалии хаттӣ ва квадратӣ дар интервали кӯтоҳ) аз рӯи ҳамаи характерҳои Дирихлеи модули додашуда;

– баҳои қиматҳои миёнаи функсияҳои Чебишёв аз рӯи ҳамаи характерҳои примитивии Дирихле, ки модулашон аз бузургии додашуда зиёд намебошанд ва дар ҳолати хусусӣ, барои $t(x;\, q)$ – қимати миёнаи функсияи Чебишёви ҳамаи характерҳои Дирихлеро аз рӯи модули додашуда исбот намуд, ки

$$t(x;\ q) \ll (x + x^{\frac{4}{5}}q^{\frac{1}{2}} + x^{\frac{1}{2}}\,q)\mathcal{L}^{34}$$

аст.

«Харди ва Литтлвуд гипотезаеро пешниҳод карданд, ки дар он ҳамаи ададҳои кифоя калони натуралии n ба суммаи адади сода ва дараҷаи адади натуралӣ дар намуди

$$n\ =\ p\ +\ m^k\ ,\ \ k\ \geq\ 2$$

ҷудо карда мешавад» [45, с. 1-70].

Чунин ададҳоро мо ададҳои Харди-Литтлвуд меномем. Г. Бобоев ин гипотезаро рад кард, яъне беохир пайдарпайии ададҳои натуралиро нишон дод, ки адади Харди - Литтлвуд намебошанд. Аз ин ҷо дар ҳолати хусусӣ бармеояд, ки чунин адади $l, 1\ \leq\ l\ \leq\ q$ мавҷуд аст, ки барои он нобаробарии

$$H_k(q,l)\ >\ q,\ \ k\ \geq\ 2,$$

иҷро шуда, дар ин ҷо $H_k(q,l)$ – хурдтарин адади Харди - Литтлвуд намуди $p\ +\ m^k$ мебошад, ки дар прогрессияи арифметикии $qt\ +\ l, t\ =\ 0, 1, 2, \dots, q$ – бутун, мехобад. Бинобар ин, табиатан ду масъалаи зеринро дида баромадан мумкин аст.

1. Ҳарчи беҳтар аз боло баҳодиҳии бузургии $H_k(q,l)$.

2. Ҳосил намудани қонуни асимптотикии тақсимшавии ададҳои Харди - Литтлвуд, ки дар прогрессияи арифметикии хеле зич мехобанд.

Ҳангоми q – адади сода ва $k\ \geq\ 2$ будан, ин ду масъала дар корҳои таҳқиқ ва тасдиқоти зерин исбот карда шудааст: бигзор q – адади сода, $x\ \geq\ 2, (l,q)\ =\ 2$ бошад, он гоҳ формулаи асимптотикии зерин ҷой дорад:

$$\sum_{\substack{n\le x, m\le x^k \\ n+m^k\equiv l\ (mod\ q)}} \Lambda(n) - \frac{x^{\frac{k+1}{k}}}{\varphi(q)} \ll x\,exp\left(-c\mathcal{L}^{\frac{1}{2}}\right) + \left(xq^{\frac{1}{2}} + x^{\frac{4}{5}} + x^{\frac{1}{2}}q^{\frac{3}{2}}\right)\mathcal{L}^{35}$$

Аз ин формула дар ҳолати хусусӣ бармеояд, ки

$$H_2(q,l) \ll q^{\frac{3}{2}} \ln^{35} q.$$

Нозиров О.О. соли 2019 дар таҳқиқот оид ба масъалаҳои гуфташуда натиҷаҳои зеринро ба даст овարданд.

«Теорема 1. Ҳангоми $x \geq 2$ ва $q \geq 1$ будан, баҳои зерин ҷой дорад» [25, с. 613-618]:

$$t(x;\, q) \ll x\mathcal{L}^{28} + x^{\frac{4}{5}} q^{\frac{1}{2}}\mathcal{L}^{31} + x^{\frac{4}{5}}q\mathcal{L}^{32}.$$

Баҳои дар ин теорема гирифташуда беҳтаркунии баҳои

$$t(x;\, q) \ll \left(x + x^{\frac{4}{5}}q^{\frac{3}{2}} + x^{\frac{1}{2}}q\right)\mathcal{L}^{34}$$

ки онро соли 1993 З.Ҳ. Раҳмонов бо усули таҳқиқи қиматҳои миёнаи функсияҳои арифметикии намуди функсияи Чебишёв аз рӯи ҳамаи характерҳои Дирихле исбот намудааст.

ХУЛОСАҲО

1. Натиҷаҳои илмии таҳқиқот

Солҳои охир ба илмҳои дақиқу риёзӣ, ки дар рушди техника ва технология, пешрафти ҷомеа нақши калиди доранд, аҳамияти ҷиддӣ дода мешавад ва дар ин самт, чи тавре маълум аст, оид ба амалӣ намудани «Барномаи рушди илмҳои табиатшиносӣ, риёзию техникӣ барои солҳои 2010-2020» (қарори Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон, аз 14.04.2010, таҳти рақами №101), дар ин замина аз тарафи Пешвои миллат, Президенти мамлакат муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон фармони №1445 аз 31 январи соли 2020 дар бораи «Бисолаи омӯзиш ва рушди фанҳои табиатшиносӣ, дақиқ ва риёзӣ дар соҳаи илму маориф» эълон намудани солҳои 2020-2040 ба тасвиб расидааст, мусоидат мекунад.

1. Донистани таърихи ҳар як илм ба роҳи дуруст омӯзиш ва таҳқиқот бурдан ҷиҳати пешрафти соҳа мусоидат мекунад. Аз таҳқиқи масъала маълум мегардад, ки инсоният ба омӯзиши назарияи ададҳои сода аз замонҳои қадим машғул будааст. Мутаассифона, дастовардҳои зиёди

олимони қадим оид ба ин объекти математикӣ то давраи мо нарасидааст. Корҳои назаррас дар соҳаи назарияи ададҳои сода, ба монанди осори Евклид, ки беохирии ададҳои содаро исбот кардааст, Эратосфен барои муайянкунии ададҳои сода усулеро пешниҳод кардааст, ки дар математика ба номи «Ғалбери Эратосфен» маълум буда, аз ҳама усулҳои беҳтарини муайянкунии ададҳои сода эътироф гардидааст [18-М].

2. Дар корҳои олимони форсу тоҷик Муҳаммад ал-Хоразмӣ (787-850), Абурайҳони Берунӣ (973-1050), Абу Али ибни Сино, Собит ибни Қурро (826 – 901), Маҳмуд бен ал-Вусудӣ, Ибни Ҳайсам (965-1040), Умари Хайём (1048–1131), ал-Форсӣ (1260-1320) ва даҳҳо дигарон дар бораи такмилёбии назарияи ададҳои сода саҳми арзанда гузоштаанд [9-М; 11-М; 12-М; 13-М].

Бояд қайд намуд, ки Абу Али ибни Сино дар китоби «Донишнома»-и худ маълумот дар бораи Ғалбери Эратосфен, яъне ба забони тоҷикӣ “гирболд” зикр гардидааст ва ин аз он шаҳодат медиҳад, ки Абу Али ибни Сино дар бораи «Ғалбери Эратосфен» маълумот дошта, ба назарияи ададҳои сода диққати махсус зоҳир намудааст.

3. Такмили назарияи ададҳо дар асрҳои миёна дар Аврупо рушд ёфта, дар самти назарияи ададҳои сода олими шинохта фаронса Мариен Мерсенн ва Пиер Ферма, Л. Эйлер, Х. Голдбах, Ж. Л. Лагранж, Э. Варинг, Г.Ф. Лейбнитс, Е. Люк, Д.Г. Лемер ва даҳҳо дигарон саҳми худро гузоштаанд [2-М; 4-М; 5-М].

